«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Ш. Раҳимзода
«__7__» __10__ ____соли 2022

# ХУЛОСАИ

**шуъбаи таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолкуиаида ва ҷойгиркунии онҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдугафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдугафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» дар шуъбаи таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолкунанда ва ҷойгиркунии онҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Махкамова Чамангул Абдуғафоровна 8 июли соли 1986 дар ноҳияи Кӯшониён (собиқ ноҳияи Бохтар)-и вилояти Хатлон, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 2008 факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусравро бо ихтисоси “менеҷмент” хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ то ин ҷониб дар вазифаи омӯзгори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав фаъолият карда истодааст. Ҳамзамон аз моҳи январи соли 2019 унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва аз рӯи ихтисос 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо бо баҳои 4 (хуб) супоридааст.

Роҳбари илмӣ: Мирсаидов Аврор Бобоевич - д.и.и., профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

Мавзӯи кори диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима шудааст.

Аз натиҷаи баррасии диссертатсияи илмӣ дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

**Арзёбии корҳои иҷрогардида.** Кори диссертатсионии Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» ба проблемаи муҳим бахшида шуда, бо забони возеҳи илмӣ таълиф гардидааст. Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот доир ба ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва такмили методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади диссертатсия дар таҳқиқот ноил гардидааст, вазифаҳо мутобиқ бо услуби интихобгардида ва муносибати низомӣ ҳаллу фасл гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Иштироки шахсии унвонҷӯ дар дарёфти натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ баён гардида ифода меёбад.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муайянкунии мақсадҳои мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои пажӯҳиш, таҳлили маҷмӯии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҳлили ҳолати истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, коркарди қоидаҳо ва тарзҳои муайян кардани манбаъҳои захираҳои истеҳсолӣ, асоснок намудани заминаҳои консептуалии ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва мукаммалгардонии механизми ташкилии идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо иборат мебошад. Аз ҷониби диссертант дар доираи пажӯҳиш моҳияти захираҳои истеҳсолии корхона ва истифодаи оқилонаву самараноки онҳо муайян карда шудааст; омилҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ шарҳ дода шудаанд; муносибатҳои методӣ доир ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона таҳқиқ карда шудааст; таҳлили маҷмӯии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар раванди истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст; роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, инчунин муносибатҳои барномаи мақсаднок ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ асоснок карда шудаанд

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида.** Дар ҷараёни таҳқиқот аз тарафи диссертант маводҳои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Точикистон ва ғ. истифода бурда шуданд. Дар раванди татқиқот маводи иттилоотӣ дар ВАО ва дар сомонаҳои мақомотҳои идоракунии давлатии сатҳи гуногун ва муассисаҳои давлатии ҷумҳурӣ пешкаш карда шуда, инчунин маводҳои махсуси ҳисоботии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайраҳо васеъ истифода гардидааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот доир ба ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва такмили методҳои он дар корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

1. Муқаррароти муаллифӣ доир ба моҳияти захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун раванди якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот, ки бевосита ё бавосита дар ҷараёни истеҳсолот иштирок мекунанд, дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва миқдорӣ қарор дошта, барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ зарур мебошанд; муайян намудани мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ ва идоракунии оқилона (ҳамчун раванди дарк карда шуда) доир ба ташаккули сохтори захираҳои истеҳсолӣ ва комбинатсияи хирадмандонаи онҳо, ки тавассути баъзе қоидаҳои додашуда ва ҳадафи корхона муқаррарсозии афзалиятро қонеъ мегардонад.

2. Таснифу гурӯҳбандии муаллифии захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаҳои миёни онҳо, ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асосноккардашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб мeёбанд; ташкили низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона ҳамчун маҷмӯи алоқаҳои захираҳои истеҳсолӣ, ки вазифаҳо ва имкониятҳои худро бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ амалӣ месозанд, тавсиф дода шудани принсипҳои асосии интихоби қоидаҳои методӣ ва усулҳои арзёбӣ, ки ба таҳлили истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат менамояд, муайян карда шудааст.

3. Ҳолати муосири сатҳи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, умуман номгӯи корҳоеро, ки бо истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ муносибати бевосита доранд, аз рӯйи самтҳо ва меъёрҳои зерин арзёбӣ карда шудаанд: тавсифи умумии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ; пуррагии вазифаҳо ва корҳои гузаронидашуда дар соҳаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ТИОЗИ); ҳамкориҳои муштараки иштирокчиёни раванди истеҳсолот дар истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва ғайраҳо арзёбӣ карда шудааст.

4. Исбот карда шудааст, ки дар миёни манбаъҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ манбаъҳои ташкилӣ, ки ба ҳамаи унсурҳои низомҳои идоракунӣ тааллуқ доранд, нақши калидӣ дошта, дарёфту истифодаи онҳо бо маблағи камтарин натиҷанокии фаъолияти истеҳсолиро баланд мебардорад; барои арзёбии манбаъҳои истифоданашудаи захираҳои истеҳсолӣ методҳои ҳисоби коҳиши зарари зироатҳои кишоварзӣ дар натиҷаи такмили тадбирҳои агротехнологӣ, риояи принсипҳои ташкили истеҳсолот, такмилдиҳии таъминоти моддӣ-техникӣ, дараҷаи ташкили илмии меҳнат, шакл ва усулҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва ғ. пешниҳод ва муайян карда шудаанд.

5. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама зарурати таъсиси низоми махсуси маҷмӯии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (НММТИОЗИ) дар назди Ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ),

принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору зернизомҳои он асоснок карда шудаанд.

6. Асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ҳамчун самтҳои рушди усулҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ), ки ба тарзи ҳалли проблемаҳои бо роҳи коркард ва амалӣ намудани маҷмӯи чораҳои барномавии ба ҳадафҳо нигаронида шуда мусоидат менамоянд (сафарбарии захираҳо барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа, ки имконият медиҳад муҳлати вақти ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас коҳиш дода шавад), коркард карда шудаанд.

**Муҳиммияти назариявӣ ва амалии натнҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** бо муҳимияти хулосаҳо ва пешниҳоди дар диссертатсия асосноккардашуда аз рӯи самтҳои стратегии таъмини амнияти иқтисодӣ дар марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Инчунин, дар муқаррароти назариявию методологии мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити зиёд гардидани рақобатнокии маҳсулот ифода меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалие, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, метавон ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои кишоварзӣ, ҳамчунин, таҳияи лексияҳо аз фанҳои «Ташкили истеҳсолот», «Менеҷменти истеҳсолӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Назарияи иқтисодӣ», «Танзими давлатии иқтисодиёт» ва гайраҳо истифода намуд.

**Мутобиқати мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси интихобнамуда.** Кори диссертатсионии Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» мутобиқ ба тахассуси илмии ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), бандҳои: 10.1. Коркарди проблемаҳои илмии идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот; самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо; назария ва амалияи идоракунии зиддибуҳронии ташкилот. 10.4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. 10.8. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқманд; идоракунии равандҳо ва низоми муосири истеҳсолот омода карда шудааст.

**Мукаммалии баёни маводи диссертатсионӣ дар корҳон унвонҷӯ интишор намуда.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 номгӯи корҳои илмии муаллиф нашр гардидаанд, ки 6-тои онҳо ба маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд. Дар ин корҳо ғояҳои асоси тарзҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос ёфтаанд.

Феҳрасти интишорнамуда тибқи мавзӯъҳои кори диссертатсионӣ:

1. Муносибатҳои методӣ ба арзёбии самаранокии истифодаи иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ. / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. - 2019. - № 1/4(68). - С. 251-255.
2. Гурӯҳбандии омилҳои ташкили истифодабарии самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. - 2020.- № 1/4 (80), қ.2. - С. 180-186.
3. Ҳолати муосири истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. /“Кишоварз” - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. - 2021. - № 1 (90). - С. 208-213.
4. Муносибати низомӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ /Паёми молия ва иқтисод - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – 2021. - № 3 (27) - С. 130-139.
5. Моҳияти иқтисодии захираҳои истеҳсолӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ. Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. -2021. - № 2(68).-С.69-75.
6. Арзёбии ҳолати истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар иқтисодиёти аграрии вилояти Хатлон. Ахбори Академияи миллии Тоҷикистон. Душанбе. – 2022. - № 2 (267). - С. 112-119.
7. Саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ омили асосии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) /Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати ҶТ”. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – 2022.

Кори диссертатсионии Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба иҷро расидааст, барои қабул ва ҳимоя дар Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Зимни раъйгирӣ аз рӯи масъалаи мазкур ба теъдоди умумии 13 нафар ҳузур доштанд, ки аз инҳо ҳуқуқи овоздиҳиро 13 нафар доштанд. Натиҷаи раъйгирии озод:

| | |
|---|---|
| Тарафдор | 13 |
| Муқобил | нест |
| Бетараф | нест |

Раиси ҷаласа:
д.и.и., профессор, академики
ИИ ва Д АМИТ — Қаюмов Н.Қ.

Котиби ҷаласа: — Абдухаликов У.